*Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014*
*назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Тӯра Раббим (Ризоқулов Тӯрақул Рабимқулович) ба диссертатсияи Одинаев Эраҷ Сарахонович дар мавзуи «Такмили механизмҳои молиявии ҳавасмандгардонии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)**

## 1. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва ё соҳаи илми эълоншуда

Одинаев Эраҷ Сарахонович дар мавзуи «Такмили механизмҳои молиявии ҳавасмандгардонии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон» таҳқиқот бурдааст, ки он ба Шиносномаи номгӯи ихтисоси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), аз ҷумла: қисми 1. Молия: б.1.3. Назария ва методологияи таъсири низоми молиявӣ ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ; 1.6. Ҷанбаҳои ниҳодии низоми молиявӣ; 1.7. Ҷанбаҳои инфрасохтории низоми молиявӣ; 1.10. - Ҳавасмандгардонии молиявии истифодаи самараноки ҳамаи намудҳои захираҳои иқтисодӣ ва Қисми 2. Муомилоти пулӣ, қарз ва фаъолияти бонкӣ: б. 11.4. - Афзалиятҳои сиёсати пулию қарзии муосир ва вокуниши бахши воқеӣ ба татбиқи он мувофиқат мекунад.

## 2. Муҳиммият ва зарурати баргузории таҳқиқот

Маълум аст, ки самаранок истифодабарии захираҳои иқтисодӣ дар таъмини рушди иқтисодӣ бузург буда, на танҳо дар баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии иқтисодиёти ватанӣ, инчунин ба сатҳи зиндагӣ, некуаҳволии аҳолии кишвар низ таъсири назаррас мерасонад. Таъсири ташкили босамари истифодаи самараноки заҳираҳои иқтисодӣ дарҳақиқат яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа дар имли иқтисодӣ аз давраҳои қаблӣ боқӣ мондааст. Аз ин рӯ, коркарди механизми ҳавасмандгардонии молиявии истифодаи самараноки заҳираҳои иқтисодӣ ҳоло ба яке аз масалаҳои аввалият дошта мубадал гардидааст.

Дар шароити рушди иқтисодиёти ҷаҳони муосир масоили таъмини истифодаи самараноки заҳираҳои иқтисодӣ, бо мақсади расидан ба ҳадафҳои рушди иқтисодӣ, таъмини аҳолӣ бо ҷойи кору музди меҳнати

ҷавобгӯйи талабот ба яке аз муаммоҳои мубрами иқтисодӣ-иҷтимоӣ табдил ёфтаанд. Қобили қайд аст, ки дар ҳалли мушкилоти номбурда махсусан коркарди механизми ҳавасмандгардонии молиявии самаранок истифодабарии захираҳои иқтисодӣ накши калидӣ дорад.

Аз ин лиҳоз ба масъалаҳои маблағгузорӣ ва ҳавасмандгардонии молиявии фаъолият оид ба истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ таваҷҷӯҳи ҷиддӣ бояд дод. Азбаски имкониятҳои молиявии корхонаҳои ватанӣ маҳдуданд, пеш аз ҳама, бо сабаби тарзи кофӣ набудани захираҳои молиявии худи онҳо дар умум дар сатҳи пасти рақобатпазирии корхонаҳои ватанӣ, коҳишёбии даромаднокии захираҳои иқтисодӣ, муаммоҳо дар фурӯш инъикос мегардад. Илова бар он натиҷаи ғайрисамаранок истифодаи захираҳои иқтисодӣ дар баландшавии арзиши аслии маҳсулотҳо, афзоиши равандҳои таваррум ва инчунин дар суст инкишоф ёфтани бахши молияи корхонаҳо, маҳаллӣ ва давлатӣ низ инъикос мегардад. Ҳамаи ин на танҳо ба рушди иқтисодӣ, инчунин дар самти таъмини устувори фаъолияти корхонаҳо халал мерасонад. Дар робита ба ин, муҳимтарин вазифаи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар айни замон таҳияи низоми молиявии фаъолият баҳри баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои иқтисодӣ дар истеҳсолот бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти Тоҷикистон дар бозорҳои дохилӣ ва ҷаҳонӣ мебошад.

Суханҳои қайдгардида тақозо менамояд, ки асосҳои назариявӣ ва методологии механизмҳои молиявии ҳавасмандгардонии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ бо дарназардошти хусусиятҳои хоси иқтисодиёти миллӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шаванд.

Диссертатсияи Одинаев Эраҷ Сарахонович ба таҳқиқи масъалаи мазкур равона шудааст, ки ҳам аз ин нуқтаи назарияи амалия ва ҳам аз нуқтаи назари илми иқтисодиёт ҷолиби диққат, саривақтӣ ва аҳамияти баланди стратегӣ дошта мебошад.

**3. Навгонии илмии натиҷаҳо ва хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия**

Дар диссертатсия, ҳамчун ҳадаф таҳқиқи механизмҳои ҳавасмандгардонӣ дар раванди истифодаи захираҳои иқтисодӣ дар пояи низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба назар гирифта шудааст.

Навоварии илмии рисола аз ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии мукаммалгардонии механизмҳои молиявии ҳавасмандгардонӣ, инчунин муайян намудани самтҳои самаранок истифода намудани захираҳои иқтисодии дар унсурҳои низоми молиявии миллии Ҷумҳурии

Тоҷикистон зоҳир гардида, инчунин афзалиятҳои рушди сиёсати пулию қарзӣ асоснок карда шудааст.

Натиҷаҳои назаррасе, ки моҳияти навгонии илмии диссертатсияро инъикос мекунанд, инҳо мебошанд:

– дар асоси таҳқиқ ва асоснок намудани ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ташаккул ва рушди истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ таърифи муаллифии мафҳуми захираҳои иқтисодиро дар пояи низоми молиявӣ кушода ворид карда шудааст;

–заминаҳои молиявии коркарди иқтидори захиравӣ исбот карда шудааст, инчунин нақши низоми андозҳо дар ҳавасманд намудани субъектони сатҳи микроиқтисод ва макроиқтисод таҳқиқ карда шуда, сатҳи таъсиррасонии низоми андоз ба ҷараёни ҳавасмандии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ бо формулаҳои математикӣ арзёбӣ карда шудааст;

– самтҳои стратегӣ барои татбиқи сиёсати хароҷоти давлатӣ ба рушди иқтисодӣ исбот карда шуда, сатҳи таъсири ҳаҷм ва сохтори хароҷотҳои давлатӣ бар рушди иқтисодӣ, яъне бевосита ба ҳаҷми ММД мамлакат муайян гардидааст. Инчунин хароҷотҳои давлатӣ, ки дорои хислати истеҳсолӣ шомил мешаванд таҳқиқ гардидааст;

– дар асоси ба инобат гирифтани стратегияи давлатӣ оид ба гузариш ба иқтисоди индустриалӣ-инноватсионӣ бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ самтҳои асосии такмили истифодабарии босуръати захираҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ ва арзёбӣ гардидаст;

– дар асоси исбот намудани нақши ниҳодҳои давлатӣ ҳангоми таҳияи механизмҳои ҳавасмандгардонии молиявӣ ҳамчун шарти зарурии рушди иқтисодӣ, роҳҳои такмили механизмҳои ҳавасмандии молиявии далатӣ роҷе ба масъалаҳои истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар замони муосир коркард ва пешниҳод шудааст;

- дар диссертатсия дар радифи ҳадафҳои рушди низоми молиявии мамлакат дурнамои роҳҳои самаранок истифодабарии захираҳои иқтисодӣ бо далелҳои мушаххас асоснок карда шудааст. Инчунин тавсияҳои илмӣ амалӣ оид ба рушди сиёсати пулию қарзӣ ва сиёсати фискалӣ бо мақсади ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ муайян карда шудааст.

### 4. Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ ва хулосаву пешниҳодот

Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда равияҳои методологӣ ва методии пажӯҳиш, ки муаллиф интихобу истифода намудааст, имконият медиҳад, ки механизмҳои молиявии

ҳавасмандгардонӣ ва самаранок истифодабарии захираҳои иқтисодии мамлакат бо назардошти таҳқиқи таҷрибаи давлатҳои хориҷа мавриди таҳқиқ қарор дода асоснок ва пешниҳод намудааст.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия нишон додашуда, сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанию хориҷиро оид ба ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии коркарди механизмҳои таъмини молиявӣ, самаранок истифодабарии захираҳои иқтисодӣ дар шароити муосир эҷодкорона истифода бурдааст.

Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои гуногуни илмӣ, аз қабили усули диалектикӣ, сохторӣ, системавию низомӣ, сабабӣ, усули омӯзиши омилҳо, экспертӣ-таҳлилӣ, арзёбии мунтазами миқдорӣ ва ҳамаҷониба, сохторӣ-функсионалӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ, омилӣ, усулҳои индуксия ва дедуксия, таҳлил ва синтез, инчунин, дигар усулҳои иқтисодӣ ва умумиилмии донишҳо васеъ истифода шудаанд.

Шиносоӣ бо мундариҷаи диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф хеле моҳирона бо адабиётҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот кор кардааст, мустақилона далелҳои омориро вобаста бо мақсади таҳқиқот ҷамъ оварда, коркард ва таҳлил намудааст.

## 5. Сохтор, арзёбии моҳият ва сатҳи комилии диссертатсия

Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, нӯҳ зербоб, хулоса ва пешниҳодҳо иборат мебошад. Матни асосии диссертатсия дар 186 саҳифаи компютерӣ баён гардидааст, ки фарогири 27 ҷадвал, 7 расм ва 2 диаграмма иборат буда, рӯйхати адабиёт 154 номгӯйро дар бар мегирад.

Дар **муқаддима** аҳаммият ва мубрамияти мавзуи диссертатсия асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, асосҳои назариявӣ - методологии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия баён гардидааст.

**Дар боби якум, ки «Асосҳои назариявию методии ҳавасмандгардонии молиявии истифодаи захираҳои иқтисодӣ»** унвон дорад, моҳияти захираҳои иқтисодӣ, таҷрибаи хориҷӣ, принсипҳо ва механизми ҳавасмандгардонии молиявӣ дар Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст (С. 15-70).

Муаллиф дар фасли нахустини диссертатсия ақидаҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ доир ба моҳияти мафҳуми «низоми молиявӣ”, инчунин хусусиятҳои моделҳои низоми молиявиро бо далелҳо иброз намуда, вазифаҳои тақсими захираҳои молиявӣ дар сохтори низоми молиявии давлат ҷудо кардааст. Дар асоси он қайд карда мешавад, ки низоми молиявӣ, дар бештари мавридҳо ба чунин зербахшҳои низоми иҷтимоию

иқтисодии мамлакат, аз қабили бозори меҳнат, бозорҳои мол, сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва низоми маориф таъсирҳои мусбиву манфӣ мерасонад (С. 17-24). Ақидаи мазкур боиси таваҷҷуҳи махсус мебошад.

Яке аз ҷанбаи ҷолиби диққат дар фасли якуми диссертатсия дар он аст, ки тибқи таҳлили таҳқиқтҳои равияи неоклассикӣ, неокейнсиансӣ, монетарӣ, назарияҳои рушди иқтисодӣ вазифаҳои низоми молиявӣ ба 5 гурӯҳ ҷудо карда шудааст. Алалхусус,: - ҷамъоварии пасандозҳо; - идора намудани хавфҳо; - иттилоотӣ; - гузаронидани назорат ва мониторинг; - раванди ихтисоркунии хароҷоти молу хизматрасониҳо (С.33-34). Дар ин асос муаллиф қайд менамояд, ки низоми молиявӣ дар ҳалли масъалаи дастгирии молиявии рушди иқтисодӣ нақши ҳалкунанда дошта, ба ташаккули захираҳои молиявии иқтисодиёт пеш рафта ва мутобиқ гашта, тақсимоти самараноки онҳо мувофиқи манфиатҳои иқтисодии миллӣ мусоидат менамояд (С.35).

Вобаста ба мавзуъ, муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот се фарзияи асосии таъсири низоми молиявиро баррасӣ ва мавриди таҳқиқ қарор додааст. Онҳо: - фарзияи «пешниҳоди молиявӣ», ки мувофиқи он сатҳи рушди молиявӣ ба рушди иқтисодӣ таъсири бевосита дорад; - фарзияи «тақозои молиявӣ», ки мувофиқи он рушди молиявӣ аз тағйирот дар бахши воқеӣ вобаста аст; - фарзияи «алоқаи дуҷонибаи сабабӣ» яъне таъсири мутақобилаи сатҳи рушди низоми молиявӣ ва рушди иқтисодӣ (С. 36).

Дар диссертатсия ба масъалаҳои тағйир ёфтани ҳаҷми хароҷоти давлатӣ ҳангоми тағйирёбии сармоягузорӣ ва афзоиши даромади миллӣ аҳаммияти махсус дода шудааст. Дар ин асос муаллиф қайд менамояд: “Мутаассифона, механизми танзими давлатӣ ба қадри кофӣ роҳандозӣ нагардидааст, татбиқи он дар амал бо монеаҳои зиёд, аз ҷумла болоравии нархҳо, тағйирёбии қурби асъор, динамикаи фоизи қарз ва ғайра. Бо вуҷуди ин, механизми шабеҳи таъсири хароҷоти давлатӣ ба истеҳсол аз он хабар медиҳад, ки дар вақти таназзул аз хароҷоти давлатӣ барои афзоиши ММД метавонем истифода барем. Баръакс, дар давраи болоравии босуръати иқтисодиёт, ҳукумат метавонад хароҷоташро коҳиш диҳад ва ба ин васила ҳаҷми талабот ва маҳсулоти маҷмӯиро коҳиш диҳад” (С. 45-52).

Диссертант ба таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ баҳри такмили минбаъдаи низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати асосӣ медиҳад. Муаллиф қайд менамояд, ки “...Истифодаи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла Русия ва Қозоқистонро оид ба ташкили фондҳои кафолатдиҳӣ ва субсидияи давлатӣ барои пӯшонидани як қисми фоизи қарзи корхонаҳоро истифода бурдан аз манфиат холӣ нест. Дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон ба меъёрҳои қарзи бонкҳои тиҷоратӣ ва рушди иқтисодиёти миллӣ на чандон назаррас мебошад. Аз ин лиҳоз, дар заминаи омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба истифодаи меъёри бозтамвили бонкҳои марказӣ, механизми ташаккул ва истифодаи бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистонро такмил диҳем ба мақсад мувофиқ мебошад." (С. 56 - 68).

**Дар боби дуюми диссертатсия «Таҳлили механизмҳои молиявии ҳавасмандгардонии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ»** арзёбии нишондиҳандаҳои молиявии самаранок истифодаи захираҳои иқтисодии мамлакат, таҳлили таъсири низоми молиявӣ ва сатҳи монетизатсиякунонии иқтисодиёт ба истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ баррасӣ гардидааст (С.71-118).

Диссертант дар асоси арзёбии нишондиҳандаҳои молиявии самаранокии истифодаи захираҳои иқтисодӣ дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон қайд менамояд, ки низоми молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои зеринро дорад: 1) қисми зиёди захираҳои молиявӣ бо истифода аз механизми андоз ва буҷет тақсим карда мешавад; 2) механизми фаъолияти бозори коғазҳои қиматнок дар сатҳи паст қарор дорад; 3) маблағгузориҳои бонкӣ дар сатҳи нисбат паст қарор дорад; 4) ҳиссаи қарзҳои бонкӣ дар сатҳи номуайян қарор дорад; 5) сохтори сармояи бонкӣ ва самаранок истифодаи он назар ба бонкҳои давлатҳои хориҷа куллан фарқ мекунад; 6) ҳиссаи фондҳои ташкилотҳои суғуртавӣ, ниҳодҳои сармоягузорӣ ва нафақавӣ дар нишондиҳандаҳои рушди бахши воқеии иқтисодӣ дар сатҳи паст қарор дорад; 7) бозори коғазҳои қимматнок вазифаи худро дар амал иҷро намекунад; 8) дар сатҳи паст қарор доштани маърифати молиявии аҳолии кишвар. (С. 71 - 82).

Диссертант таъкид менамояд, ки дар сиёсати андозии кишвар тағйиротҳои нав ворид карда шавад, чунки талабот ба захираҳои молиявӣ дар сатҳи ниҳодҳои давлатӣ қисман қонеъ нагардида, принсипи кофӣ будани воридотҳои андозӣ таъмин карда намешавад. Ғайр аз ин, низоми амалкунандаи андоз ба беҳтаршавии фазои соҳибкорӣ мусоидат намекард ва дар солҳои охир коҳиш ёфтани теъдоди соҳибкорони хурду миёнаи фаъолиятдошта ба назар мерасад. Аз ин нуқтаи назар, аз нав тарҳрезӣ намудани баъзе аз унсурҳо, кам кардани меъёрҳои андозӣ ва таъмини ҳавасмандгардонҳои нав ба субъектони иқтисодӣ (маҳз, ба андозсупорандагони ватаниву хориҷӣ) муҳим арзёбӣ мегардад. (С. 89-92).

Муаллиф бо истифодабарӣ аз усули гуногуни таҳқиқот натиҷаҳои муҳимро ба даст овардааст. Инчунин таъкид карда шудааст, ки ҳаҷми

лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ татбиқшаванда ҳиссаи маблағгузориҳои соҳаҳои бахши воқеъии иқтисодиёт аз маҷмӯи хароҷоти буҷети давлатӣ томоюлӣ чандирӣ доранд. Инчунин хароҷоти буҷети давлатӣ солҳои охир тағйиротҳои куллӣ вобаста ба татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат ба амал омадааст. Ҳиссаи соҳаи маориф, тандурустӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ афзоиш ёфтааст. Дар асоси таҳлилҳо муаллиф нишон медиҳад, ки самаранокии хароҷоти давлатӣ (КСХД) дар солҳои 2019 – 2022 КСХД томоюли зиёдшавӣ дошта, он аз беҳсози идоракунии молияи давлатӣ ва равнади назорати давлатии молиявӣ дар ҷараёни ҷамъоварӣ ва истифодаи воситаҳои буҷетӣ шаҳодат медиҳад. (С.78-79).

Дар ин бахши диссертатсия сатҳи монетизатсиякунонии иқтисодиёти Тоҷикистон таҳлил карда шуда, қайд карда шудааст, ки "... тамоюли афзоишии он устувор намебошад. Ноустувории сатҳи монетизатсиякунонии иқтисодиёти миллӣ аз омилҳои зиёде дохилӣ ва беруна вобаста мебошад, ки онҳоро ҳангоми амалӣ намудани сиёсати пуливу қарзии давлат ба инбоат гирифтан муҳим мебошад. Ҳанӯз ҳам сатҳи монетизатсиякунонии иқтисодиёти Тоҷикистон аз меъёрии ҳадди ақалл, ки дар асоси таҷрибаи ҷаҳонӣ муқаррар шудааст паст мебошад". Асосноккунии мазкур ки барои назария ва амалияи иқтисодиёти ватанӣ хеле муҳим аст. (С. 107-114).

**Дар боби саввум, «Самтҳои асосии ҳавасмандгардонии молиявии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон»** такмили механизмҳои молиявӣ, таҳияи дурнамои рушди бахши молиявӣ ва роҳҳои самаранок истифодабарии захираҳои иқтисодӣ дар ҳошияи низоми молиявии мамлакат мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. (С. 119-165).

Дар бахши тавсиявии диссертатсия муаллиф таваҷҷуҳи бештари худро, ба ҳам пайвастани иқтисоди саноатӣ бо рушди инноватсионӣ ва истифодаи истилоҳи «иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ» додааст, ки мантиқан дуруст мебошад. Зеро дар механизми молиявии самаранок истифодабарии заҳираҳои иқтисодӣ, минбаъд дар рушди иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ бояд аҳамияти ҷиддӣ зоҳир гардад. Муаллиф қайд менамояд, ки дар байни омилҳои рушди иқтисодӣ рушди саноат ва сармояи инсонӣ ҳамчун омили асосӣ баромад мекунанд. Онҳо, бояд ҳангоми таҳияи барномаҳои давлатии сатҳи минтақавӣ дарҷ гарданд. (С. 120 - 127).

Дар натиҷаи таҳлилҳо муаллиф муайян намудааст, ки масоили вазъи устувории низоми бонкӣ, аз ҷумла арзёбии сифати сандуқи қарзии ниҳодҳои бонкӣ, сармоякунонии онҳо, дараҷаи афзоишёбии меъёри

фоизи қарзҳо, татбиқи принсипҳои идоракунии корпоративӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосири иттилотию коммуникатсионӣ, пешниҳоди маҳсулотҳои инноватсионӣ ва ғайра ҳалли худро наёфтааст. (С. 133 - 137).

Дар диссертатсия бо тарзи алоҳида барои баҳодиҳии нишондиҳандаҳои зерсохтори бахши молиявӣ ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ модели иқтисодии математикӣ коркард карда шудааст. Аз натиҷаи ниҳоии дурнамои рушди бахши молиявӣ бармеояд, ки коэффисиенти коррелятсия аз рӯи модели матритса натиҷаи хуб ба бор меоварад. Аз ин лиҳоз, таъсири нишондиҳандаҳои асосии зерсохтори бахши молиявӣ, даромадҳои буҷети давлатӣ, хароҷоти буҷети давлатӣ, маблағгузориҳои қарзии бонкҳо, даромад ва хароҷотҳои ташкилотҳои суғурта арзёбӣ карда шудааст. (С. 140-149).

Дар таҳқиқот исбот карда шудааст, ки равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва ҳамгироии минтақавӣ ба пурзуршавии таъсири омилҳои берунӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ оварда мерасонанд. Бинобар ин, пешниҳод гардидаст, ки дар шароити имрӯза таъсири омилҳои берунӣ ба низоми молияи давлат пурра таҳқиқ карда шавад, гузариш ба стандартҳои байналмилалӣ, гузариш ба низоми рақамӣ, электронӣ дар бахши молия вусъат дода шавад. (С. 152 - 159).

Ба андешаи муаллифи диссертатсия, андешидани тадбирҳои судманд ҷиҳати коҳиш додани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёти миллӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт, пешбурди сиёсати мутавозини молиявию қарзӣ, раванди истифода намудани воситаҳои самарабахши буҷетӣ ва маблағҳои ҷалбшуда, инчунин худдорӣ намудан аз хароҷотҳои дуюмдараҷа, дарёфти манбаъҳои иловагӣ ҷиҳати рушди низоми молиявӣ ва иҷрои ӯҳдадориҳои иҷтимоӣ ва байналмилалии давлатиро талаб менамояд. (С. 163-165). Бо ин нуқтаи назари муаллиф бояд розӣ бошем, зеро ин самтҳои муҳими иқтисодиёт дар шароити муосир мебошад.

## 6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муқарраротӣ илмии диссертатсия барои ғанӣ гардонидан ва инкишофи назарияи молияи давлатӣ, молияи корхонаҳо, консепсияи бозори захираҳои иқтисодӣ мусоидат мекунанд. Инчунин, муқарроротҳо оид ба самтҳои фаъолияти низоми молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, иқтидори механизмҳои молиявии ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар коркарди барномаҳои

давлатӣ истифода бурдан мумкин аст. Истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти амалӣ имконияти баланд бардоштани самаранокии захира истифодабариро дар ҷумҳурӣ муҳайё мекунад.

Инчунин, ҷанбаҳои асосии диссертатсия метавонанд ҳангоми таълим барои таҳияи барномаҳои корӣ ва фанҳои таълимии «Молия», «Иқтисоди молиявӣ», «Буҷет ва низоми буҷетӣ», «Макроиқтисод», «Пул, қарз, бонкҳо», «Молияи минтақавӣ»-ии донишҷӯён, магистрантон, докторантони PhD ва унвонҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодии Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ истифода карда шаванд..

## 7. Эродҳо доир ба диссертатсия

Новобаста аз он ки диссертатсияи мазкур ҷанбаҳои зиёди бартариҳоро дорад, баъзе камбудиҳо низ ҷой дорад:

1. Дар қисмати "мубрамияти" диссертатсия бо далелҳои аниқу саҳеҳ, факту рақамҳо аз ҳаёти воқеии оид ба мавҷудияти муаммоҳо дар истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон асоснок карда илова мешуд, мувофиқи мақсад мегардид;

2. Дар қисмати "Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ" ному насаби зиёди олимони хориҷӣ ва ватанӣ гирд оварда шудааст: - беҳтар мешуд, агар ҳар як олими ватанӣ дар кадом самти масъалаи баррасишавандаро ҳиссагузор аст ишора мегардид; - мавриди таҳлил ба корҳои илмии олимони ватанӣ диққати кам зоҳир шудааст.

3. Дар асоси таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф тавонистааст, ки натиҷаҳои назарраси илмиро ҳамчун навгонӣ дар шаш банд пешниҳод кардааст. Ба андешаи мо, боз ҳам беҳтар мегардид, агар муаллиф зимни баррасии банди чоруми навгонӣ: "Самтҳои рушди босуръати захираҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи гузариш ба иқтисоди индустриалӣ-инноватсионӣ бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ муайян карда шуданд" гуфта шудааст, аз нуқтаи назари муаллиф, кадом самтҳо дар назар дошта шудааст, бо тарзи кутоҳ ишора мегардид боз ҳам хуб мешуд.

4. Дар зербоби 1.2., ки " Вижагиҳо, принсипҳо ва асосҳои методии ҳавасмандгардонии молиявии истифодаи захираҳои иқтисодӣ" унвон дорад, мазмун ва мундариҷаи принсипҳо, инчунин методҳои ҳавасмандгардонии молиявӣ пурра инъикос нагардидааст, дар он бештар асосҳои назариявӣ масалаи таҳқиқот баррасӣ гардидааст.

5. Дар зербоби 1.3. "Таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба ангезаҳои молиявии самарабахшии захираҳои иқтисодӣ ва имкониятҳои истифодаи он дар Тоҷикистон". Агар он таҷрибае, ки барои қабул дар иқтисодиёти

миллӣ имконпазир мебошад боз ҳам васеътар дарҷ карда шавад, мувофиқи мақсад мешавад.

6. Дар боби дуввум, параграфи 2.1. диссертатсия “Арзёбии нишондиҳандаҳои молиявии самаранокии истифодаи захираҳои иқтисодӣ дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон” номида шудааст, вале якум ҳаҷми зербоби мазкур хело кам аст ҳаммагӣ 11 саҳифа, дуввум дар мундариҷаи он нишондиҳандаҳои молиявии самаранокии истифодаи захираҳо пурра инъикос нагардидааст, ҳаммагӣ як ҷадвали таҳлилӣ дода шудааст.

7. Дар саҳифаи 135 -уми диссертатсия расм оид ба “Зерсохторҳои бозори молиявии Тоҷикистон” гирд оварда шуддаст, ки таҳлили пурраи худро наёфтааст. Хуб мешуд, муаллиф бояд ҳар яки қисматҳои алоҳидае, ки дар расм оварда шудааст дар алоҳидагӣ таҳлил карда сарбории илмии онҳоро дар масалаи таҳқиқишаванда нишон медод.

8. Дар диссертатсия нокифоягии маълумотҳои омории расмӣ, ки сатҳи муосири самаранокии истифодаи захираҳои иқтисодиро нишон медиҳад, ба назар мерасад.

Вале метавон гуфт, ки камбудиҳои ҷойдошта ба кор таъсири манфӣ намерасонад, характери тавсиявӣ дорад ва диссертатсияи Одинаев Эраҷ Сарахонович дар сатҳи зарурӣ омода карда шудааст ва аз ҷиҳати мазмун мутобиқи талабот мебошад.

## 8. Тасдиқи ифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ

Дар асоси таҳқиқ ва натиҷаҳои илмиву амалии кори диссертатсионӣ, дар маҷмуъ 8 интишороти унвонҷӯ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 адади он дар дигар нашрияҳои илмӣ бо забонҳои гуногун дар ҳаҷми 3,12 ч.ч. вобаста ба мавзуи таҳқиқот ба чоп расонида шудааст.

Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба тариқи маърӯзаҳои илмӣ баён шудаанд. Дар интишороти муаллиф, ҳамаи мақолаҳои илмӣ мазмун ва мундариҷаи диссертатсияи пешниҳодгардидаро инъикос менамояд, яъне пурра мутобиқат дорад.

## 9. Мутобиқати автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсия

Автореферати диссертатсия тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)

таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос мекунад ва дар он натиҷаҳои илмии асоснокгардида шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**10. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**

Диссертатсия дорои аҳаммияти баланди назариявию амалӣ ва навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардида, масъалаи муҳимми илмӣ ҳалли худро ёфтааст.

Диссертатсия дар мавзуи «Такмили механизмҳои молиявии ҳавасмандгардонии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 низомномаи "Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, № 295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Муққарризи расмӣ:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**муовини ректор оид ба робитаҳои**
**байналмилалии Донишгоҳи давлатии**
**ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Ризозода Тӯра Раббим**

Суроға: 735700,Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд шаҳри Хуҷанд ,17-мкр-н, хонаи 1, Телефон: (+992) 3422 23594 E-mail: t_rizokulov@mail.ru

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Тӯра Раббимро тасдиқ мекунам,

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Бобоев А. Х.